**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «05» январ соли 2023, № 320/ди ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 9 сархати 17 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270) ва банди 7 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикстон аз 30.06.2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-032 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ ба Маҳмудзода Исфандиёр Сафарӣ, бинобар риоя нагардидани бандҳои 6, 8 ва 54 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267), банди 8 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва банди 52 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.06.2017, №3/1) бекор карда шавад.

2. Баррасии такрории диссертатсияи Маҳмудзода Исфандиёр Сафарӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

3. Нусхаи фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2022, № 10

Раис Розиқзода А.